## ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-020-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Абдураҳимов Бахтиёр Абдураҳимович дар мавзуи «Таъсирпазирии мутақобилаи адабиёти навини тоҷик ва матбуот дар оғози асри XX» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисосҳои 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ ва 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ**

Диссертатсияи Абдураҳимов Бахтиёр Абдураҳимович ба таҳқиқи вежагиҳои таъсирпазирии мутақобилаи адабиёти навини тоҷик ва матбуот дар оғози асри XX бахшида шудааст. Ин давра марҳилаи нахустини ташаккули матбуот ва адабиёти навини тоҷик маҳсуб меёбад ва дар равандҳои фарҳангӣ, иҷтимоӣ ва забонӣ нақши муҳим бозидааст.

Аз муҳтавои диссертатсия маълум мегардад, ки дар оғози асри XX матбуот ва адабиёт на танҳо ба ҳам таъсири амиқ расонидаанд, балки дар ташаккули афкори ҷамъиятӣ, забони адабӣ ва жанрҳои нави адабӣ ва журналистӣ нақши муассир бозидаанд. Муаллиф бо таҳқиқоти амиқи худ паҳлуҳои назариявӣ, амалӣ ва таърихии ин робитаро ба таври ҳаматарафа баррасӣ намуда, таъсири мутақобилаи ин ду соҳаи муҳими фарҳангиро бо далелҳои муътамад ва таҳлилҳои муқоисавӣ ба риштаи таҳлил кашидааст.

Диссертатсия яке аз аввалин таҳқиқоти мукаммал дар мавзуи мазкур буда, дар он масъалаҳои таъсири матбуот ба адабиёт, нақши адабиёт дар ташаккули жанрҳои журналистӣ, таҳлили осори адабии нашрияҳои ибтидои асри XX, робитаи жанрҳои бадеӣ бо матбуоти даврӣ ва таъсири онҳо ба забон ва худшиносии миллӣ мавриди пажӯҳиши ҳамаҷониба ва муфассал қарор гирифтаанд. Муаллиф бо истифода аз таҳлилҳои муқоисавӣ ва далелҳои муътамад таъсири мутақобилаи ин ду соҳаи муҳимро нишон дода, бо такя ба сарчашмаҳои аслӣ робитаи амиқи байни онҳо ва нақши онҳо дар таҳаввули афкори ҷамъиятӣ ва фарҳангӣ-адабӣ дар асри XX-ро равшан сохтааст.

Диссертатсия ва автореферати Абдураҳимов Бахтиёр Абдураҳимович дар мавзуи «Таъсирпазирии мутақобилаи адабиёти навини тоҷик ва матбуот дар оғози асри XX» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисосҳои 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ ва 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқат менамояд.

Натиҷаҳои таҳқиқ эътимодбахш буда, муаллиф аз манбаъҳои аслӣ, осори илмию таҳқиқотӣ ва маводи матбуотӣ самаранок истифода намуда, таҳлили муфассал ва амиқи масъалаҳои мавриди омӯзишро ба иҷро расонидааст. Муаллифи диссертатсия таҷрибаи фаъолияти илмӣ ва амалиро дар соҳаи адабиёт ва рӯзноманигорӣ дошта, зимни таҳқиқоти худ усулҳои муосири таҳлилро ба кор бурда, равишҳои муқоисавӣ-таҳлилӣ ва методологияи илмии муосирро барои баррасии ҳамаҷонибаи мавзуъ истифода намудааст.

Муҳтавои асосии диссертатсия дар 1 монография ва 25 мақолаи муаллиф, аз ҷумла, 16 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфтаанд. Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои нашршуда ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат менамоянд.

Дар матни диссертатсия истифодаи мавод бидуни ишора ба муаллиф ё маъхаз ба назар намерасад, ки ин аз риоя шудани банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

Бо дарназардошти аҳаммияти таҳқиқ, навгониҳои илмии диссертатсия ва арзиши амалии он, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи Абдураҳимов Бахтиёр Абдураҳимович дар мавзуи «Таъсирпазирии мутақобилаи адабиёти навини тоҷик ва матбуот дар оғози асри XX» кори таҳқиқии анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ

мебошад ва онро барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филология аз рӯйи ихтисосҳои 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ ва 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ ба ҳимоя пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 60-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Абдураҳимов Бахтиёр Абдураҳимович дар мавзуи «Таъсирпазирии мутақобилаи адабиёти навини тоҷик ва матбуот дар оғози асри XX» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисосҳои 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ ва 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-020-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисосҳои 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ ва 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

– **Салимӣ Носирҷон Юсуфзода** – доктори илмҳои филологӣ, профессор, узви Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– **Қосимзода Солеҳ Салим** - доктори илмҳои филологӣ, сардори раёсати магистратура, аспирантура ва докторантура (PhD) – и Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

– **Ҳошимзода Бахтиёр Ҳошим** – доктори илмҳои филологӣ, декани факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

3. Ба сифати муассисаи пешбар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ пешниҳод мешавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва

Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**

доктори илмҳои филологӣ, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ Низомӣ М.З.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**

доктори илмҳои филологӣ, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ С. Эмомалӣ

доктори илмҳои филологӣ, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ Муқимов М. А.

«5» марти соли 2025